"Тасдиқ мекунам"
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
_______________Маҳмадизода Н. Д
«_17_» ___октябри___ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ**

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – диншиносӣ, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Гаравидан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ омилҳои зиёде дорад. Пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ба тундгароӣ сабаб мегарданд ва дар шароити паст будани дониши сиёсӣ ва набудани имкониятҳои дигар ифротгароиро дар шакли исломгароӣ ба вуҷуд меоранд. Омили динӣ ба ифротиҳо ҷиҳати тақвият бахшидани барномаҳои худ кӯмак мекунад. Аммо он омили аслӣ нест, яъне исломгароӣ нисбат ба ифротгароӣ иртиботи ғайримустақим дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Чуноне ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ чандин маротиба қайд намудаанд "Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад". Ин гувоҳӣ он аст, ки ин амалҳои номатлуб рабте ба ягон миллат, давлат, дин ва аҳкоми он надоранд.

Мутаассифона, дар ҷаҳони имрӯза ҷавонони гумроҳе ҳастанд, ки ба сафи ифротгароён шомил шуда, обрӯи падару модар, миллату Ватани худро дар арсаи ҷаҳонӣ паст мезананд ва оқибатҳои сангину талх ба бор меоваранд. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои боэътимод аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар шароити кунунӣ терроризм ва экстремизм, хусусан дар тобиши динӣ ва сиёсии худ, имрӯз хусусияти трансмиллиро касб намудааст. Ташкилотҳои террористиву экстремистӣ аз арзишҳои умумиинсонии ислом ноогоҳ будани мардумро ҳамчун заминаи мусоид истифода карда, ҳар гуна таблиғоти ифротӣ ва экстремизму радикализми диниро ба роҳ монда, кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ғояҳои ба дину фарҳанги миллӣ бегонаи онҳоро ҳамчун ҳақиқати том қабул намояд. Дар чунин шароит таҳқиқи мавзуъи мазкур мубрамияти онро нишон медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар он бобати хатари ифротгарои ба фарҳангӣ миллӣ мебшад. Ҳамзамон, дар диссертатсия бори аввал дар илми ватанӣ:

- асосҳои иҷтимоию сиёсӣ, динию ғоявии ифротгароии динӣ, инчунин нишонаҳои он дар Тоҷикистон ошкор ва ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст;

- хатари тарғиботи ифротгароёни динӣ нисбати фарҳанги миллӣ ошкор карда шудааст;

- заминаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии ифротгароии динӣ, аз қабили камбизоатии аҳолӣ, бахусус бекорӣ ва ҳамчунин ноогоҳиву бетаҷрибагии ҷавонон, ки ба зуҳури ифротгароии динӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд;

- таснифи намудҳо ва шаклҳои ифротгароӣ дар қаринаи нав бо дарназардошти шаклҳои асосии фаъолияти ифрогароӣ анҷом дода шудааст;

- нишон дода шудааст, ки имкони табдили ифротгароии исломӣ ба терроризми динию сиёсӣ вуҷуд дорад, ки омилу сабабҳои худро доранд;

- алоқамандии ифротгароии динӣ-сиёсӣ бо терроризм ошкор карда шуда, механизми робитаҳои онҳо нишон дода шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ифротгароии динӣ дар сурати пайгирии давлатҳои абарқудрат аз манфиатҳояшон метавонад хусусияти байналмилалӣ касб карда, ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои мубориза ба паҳншавии таҳдидҳо ва чолишҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон такмил ёбад ва ба қабули қарорҳои асосноки илмӣ ва амалӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқоти рисола барои донишҷӯёну донишмандон, муҳаққиқони соҳа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, омӯзгорон, ки вобаста ба мавзӯи мазкур таҳқиқот мебаранд, метавонанд аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта бошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо мувофиқат кардани методология ва методҳои илмии интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, бадастории маълумоти воқеи дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва

таҳқиқоти муосир муайян мегардад. Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар кори диссертатсионӣ**-ошкор кардани хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанг ва худшиносии миллӣ ва инчунин муайян кардани сабабу омилҳои зуҳури ифротгароии динӣ дар муносибат ба фарҳанги миллӣ. Таъсири манфии ифротгароии динӣ ба соҳаҳои гуногуни воқеияти фарҳангӣ-иҷтимоии ҷомеа ва муносибати иртиҷоӣ доштани равияву ҷараёнҳои ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ мебошад. Илова бар ин, дар кори диссертатсионӣ раванди таҳқиқоти илмиро унвонҷӯ дар асоси мушоҳидаҳои *назариявию амалӣ*, ки ба масъалаҳои ифротгарои рабт доранд, таносуби онҳоро бо ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор дода, тафсиру тавзеҳи муосири баъзе аз механизмҳои асосии ба ин мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намудааст. Дар кори диссертатсияи пешниҳодгардида бо истифода аз методҳои умумифалсафӣ мафҳумҳои ифротгарои дарназардошти қиёс бо назарияҳои гуногуни олимону донишмандон ва мактабҳои фалсафӣ хулосабарорӣ намуда, нуктаи ниҳоиро дар ин масъала зикр кардааст. Автореферати диссертатсия, гузориш ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи Давлатзода А.Ш. муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи пешниҳод намудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Боби якуми диссертатсия **“Омилҳои пайдоиши равияҳои ифротгароии муосири динӣ ва таълимоти зиддимиллии онҳо”** ном дошта, се зербобро дарбар мегирад. Дар ин боби мазкур муаллиф бевосита ба шарҳ ва тавзеҳи ҷанбаҳои назариявии масъалаи ифротгароии динӣ бахшида шудааст.

Муаллиф бар он назар аст,ки ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ, динӣ ва хушунатзои муосир бештар ҳамчун пайравӣ ба ғоя, андеша ва мақсадҳои аз эътидоли солим берун рафта дар сиёсат, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоъ, ҳолатҳои равонӣ ва ғ. дониста шудааст ва ба суботи сиёсӣ, амният ва истиқлолияти давлатҳо, татбиқи асосҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.(Диссертатсия саҳ 56)

Ба андешаи диссертант яке аз омилҳои сиёсисозии ислом дар Осиёи Марказӣ ин минтақаи гуногунмиллат будани он аст, ки дар он ҳамаи давлатҳо дунявӣ буда, иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудоянд, аммо қудратҳои ҷаҳонӣ мехоҳанд, ки дар ин минтақа низомҳо исломӣ бошанд, то ки онҳо тавонанд ба осонӣ дар ин ҷо ақидаҳои ифротиро паҳн карда, мардумро ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб сохта, ҳадафҳои геосиёсии худро пиёда созанд.

Боби дуюми диссертатсия "Хатари равияҳои динӣ ифротӣ ба фарҳанги миллӣ" ном дошта, се зербобро дар бар мегирад.

Дар ин боб муаллифи диссертатсия оид ба моҳият ва ҷанбаъҳои ифротгароёна ва тундгароёнаи динӣ андешаҳо ва чеҳраи дурӯғини хешро бо мафҳумҳои «салафия», «қуръония», «яктопарастон», «харидорони биҳишт», «муҳаддисин», «ғайримуқаллидин» ва амсоли он матраҳ шудааст. Хатари дигари истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар рӯзҳои мо бештар ба назар мерасад, тавассути гурӯҳҳои ифротӣ мағзшӯӣ шудани ҷавонон мебошад. Бо ин васила ҷавонон иштирокчиёни шабакаҳои иҷтимоӣ ба шабакаҳои террористӣ ва экстремистӣ ҷалб гардида, барои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва ғайра осебпазир мегарданд. Бо маҳдуд гардидан ва таҳти назорат қарор гирифтани дигар роҳу усулҳои таблиғ ва ташвиқӣ идеяҳои иртиҷоӣ ва ифротгароёна гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода мебаранд.

Гузоштан ва паҳн намудани маълумот, махсусан сурат ва наворҳо низ дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад мушкилсоз гардад. Дар натиҷаи чунин амалкард дахолат ба ҳаёти шахсӣ сурат мегирад, сирри оилавӣ, хизматӣ ва ғайра фош карда мешавад. Маълумоте, ки дар назари аввал содаву одӣ менамояд бо гузашти вақти муайян ва тағйир ёфтани вазъ метавонад, мушкилсоз гардад.

Яке аз хатарҳои дигари шабакаҳои иҷтимоӣ ин ташвиқ ва таблиғи фарҳанг ва расму оини бегона мебошад. Дар ин замина, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ маводу наворҳои зиёд паҳн карда мешавад, ки метавонад ба тарзи муошират, муносибат, ботину зоҳири инсон ва арзишҳои он таъсир гузорад. Ва ё инсонҳоро вобаста ба ин амалкардашон таҳқир намояд. Ҳамаи ин ба ахлоқи инсоният таъсир мегузорад ва боиси сар задани ихтилоф дар худшиносӣ, муносибатҳои хешутаборӣ, урфу одатҳои таърихан асосёфта мегардад. Муаллиф бар он назар аст, ки дар чунин шароит ифротгароӣ барои ҷомеа таҳдид ва хатарҳои мудҳишро ба миён меорад. Таҳлил ва баррасии авзои сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки дар ин самт ифротгароӣ дар байни ҷавонон хеле хатарнок шудааст. Ин падидаи номатлуб, ки бештар аз тарафи созмону ҳаракатҳои бонуфуз мавриди истифода қарор меёбад, шуури ҷавононро вайрон карда, ба душманони фарҳангу миллати худ табдил дода истодааст.(саҳ 78)

Хулоса, натиҷа ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалӣ буда, диссертант дар ин таҳқиқот ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои муайяншуда ҳаллу фасл карда шудааст. Яъне дар ин диссертатсия масъалаи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, заминаҳои ба вуҷудоии истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, дурнамои рушди истиқлолияти давлатӣ ва омилҳои таъсиргузор ба он муайяну мушаххас гардида, аз дидгоҳи фалсафаи иҷтимоӣ мавзуъ таҳқиқ

гардидааст. Ҳамин тариқ кори пешниҳодшуда, диссертатсияи комил ва мустақилона иҷронамудаи муаллиф буда, ба талаботи навишти рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро, ки масъалаи мазкур аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ таҳлилу баррасӣ гардида, ҷанбаъҳои назариявӣ, методологӣ ва услубиву мантиқии диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқарраградида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – диншиносӣ сазовор мебошад.

Новобаста аз он, ки диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба ҳадафи гузошташуда ноил гардидааст, аммо дар он як қатор камбудиҳои ҷузъие ошкор гардидааст, киислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест .

1. Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия зери унвони «Роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ» ном дорад. Дар ин бахш муаллиф, бештар ба тавсифи умумии масъала назар афаканда, маълумотҳои умумӣ ва хусусияти тавзеҳӣ додааст. Бо вуҷуди ин, муаллиф аз пешниҳоди роҳҳои мушаххас, усулҳо ва механизмҳои амалӣ дар самти пешгирии таъсири манфии равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ худдорӣ кардааст. Аз назари услуби илмӣ, чунин ҳолат нишон медиҳад, ки муаллиф то андозае аз таҳлили амалӣ ва татбиқии мавзӯъ канорагири намудааст. Барои як таҳқиқоти илмӣ, хусусан дар сатҳи диссертатсия, танҳо тавсиф ва ҷамъбасти иттилоот кофӣ нест. Зарур аст, ки дар баробари тавзеҳи назариявии масъала, муаллиф

пешниҳодҳои мушаххас, асоснок ва воқеӣ оид ба роҳҳои пешгирии хатарҳоро ба фарҳангӣ миллӣ пешниҳод менамуд.

2. Беҳтар мешуд, агар муҳаққиқ дар диссертатсияи худ даврабандии моҳият ва муҳтавои масъала, инчунин роҳҳои истифода ва зуҳури хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ нишон медод.

3. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоию техникӣ дида мешавад. Махсусан дар гузоштани сархатҳо ва ороиши матни диссертатсия. Барои мисол метавон саҳифаҳои 57, 81,124,128,129-ро зикр намуд.

Боиси зикри хос аст, ки муаллифи диссертатсия талаботи навишти диссертатсияро бо назардошти талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта, иешбиниҳои илмӣ ва дастурҳои амалиро дар мавриди масоили мавриди таҳқиқ дар сатҳи зарурии илмиву назариявӣ таҳлил намуда, дараҷаи азхудкунии маводи илмиро вобаста ба методология ва таҳқиқоти назариявии бунёдӣ ошкор сохтааст, ки қобилияти касбии онро нишон медиҳад. Диссертатсия дар асоси маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври муфассал ва пайдарҳамии мантиқӣ таҳлил гардида, автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии онро инъикос менамояд. Хулоса, кори диссертатсионии Давлатхуҷа А.Ш. дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ)» ҷавобгӯи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктории илмҳои фалсафа, профессор, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Маҳмадизода Н.Д омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи масъалаҳои фалсафии дини Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №12, аз 15 октябри соли 2025).

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 7 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид-нест, бетараф- нест.

**Раиси ҷаласа**:
номзади илмҳои фалсафа,
мудири шуъбаи масъалаҳои
фалсафии дин Қурбоншоев И. Ҷ.

**Омодасози лоиҳаи тақриз:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор.,
директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Маҳмадизода Н.Д.

**Котиби илмии ҷаласа:** Иброимзода С. Н.

Имзоҳои Қурбоншоев И. Ҷ., Маҳмадизода Н.Д.,
ва Иброимзода С.Н -ро тасдиқ менамоям,
нозири калони кадрҳо ва корҳои
махсуси ИФСҲ ба
номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

ШУЪБАИ КАДРХО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи муассисаи пешбар**:
734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбон Рӯдакӣ 33
Тел./ Fax.: +992(37) 221 5689 ____________
E-mail: ifppant@gmail.com;
«15» октябри соли 2025